**Суратмаҷлиси №49**

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-068
назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ

аз «11» 03 соли 2024 ш. Душанбе

Иштирок доштанд:
Аз 15 нафар аъзои шуро 12 нафар

**РӮЗНОМА:**

Дар бораи қабул намудани диссертатсияи Раҳмонова Дилрабо Искандаровна дар мавзуи «Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забони адабии ҳозираи тоҷик дар муқоиса бо забони англисӣ (дар асоси осори насрии С. Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ.

Роҳбари илмӣ: доктори илми филология, профессор, Раҳмонова Наргиз Шарифовна, ба экспертизаи аввалия ва таъйин намудани комиссияи экспертӣ.

**ШУНИДА ШУД:**

Ахбори раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Раҳмонова Дилрабо Искандаровна ба шурои диссертатсионӣ.

**БАРОМАД КАРД:**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, н.и.ф., дотсент Каримова Дилафруз Насибовна маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳо, автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Раҳмонова Дилрабо Искандаровна ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошанд.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ба экспертизаи аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Раҳмонова Дилрабо Искандаровна дар мавзуи «Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забони адабии ҳозираи тоҷик дар муқоиса бо забони англисӣ (дар асоси осори насрии С. Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:

Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич – доктори илми филология, профессор, аъзои шуро, раиси комиссияи экспертӣ.

Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло – доктори илми филология, профессор, аъзои шуро, аъзои комиссияи экспертӣ.

Баротзода Файзиддин – доктори илми филология, профессор, аъзои шуро, аъзои комиссияи экспертӣ.

Қарор бо овоздиҳии ошкоро якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология,
профессор — Ҷаматов С.С.

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ, номзади
илми филология, дотсент — Каримова Д.Н.